# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

### Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.06.2007 № 366, аз 01.03.2012 № 111, аз 5.11.2014 № 707)

**Мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" ва бо мақсади ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:**

**1. Қоидаҳои аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).**

**2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 1995 № 559 "Дар бораи таъсис намудани ҷойҳои кории иловагӣ ва корхонаҳои хурд дар назди мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ" аз эътибор соқит дониста шавад.**

**Раиси**

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов**

**аз 31 январи соли 2006 № 62**

**ш. Душанбе**